**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Фаризаи Файзизода дар мавзуи "Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳни дар наврасон" диссератсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи педагогӣ)**

Мубрам будани кори Фариза Файзизода дар он аст, ки дар замони муосир пешрафту тараққиёти давлат ва ҷомеаро бе намояндагони соҳиби зеҳни рушдкарда ва қобилиятҳои эҷодӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Маҳз истифодаи оқилонаи захираҳои зеҳнию эҷодии кишвар омили муҳимми пешрафти он маҳсуб меёбанд. Таҷрибаи давлатҳои мутараққии ҷаҳон ба ин гувоҳанд. Муайян намудан ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои инкишофи лаёқати зеҳнӣ масъалаи муҳиммест, ки ҳалли босамари он боиси баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ-маърифатии наврасони болаёқат ва татбиқи минбаъдаи лаёқати онҳо дар фаъолиятҳои барои ҷомеа судманд мегардад.

Диссертатсияи Фариза Файзизода дар мавзуи "Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон" ба яке аз масъалаҳои мубрами психология, тақвияти раванди таълим ва рушди лаёқати зеҳнӣ дар наврасон таҳия намудааст.

Унвонҷӯ Фаризаи Файзизода дар заминаи мубрамият мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба бахши психологияи педагогӣ, тақвияти раванди таълим ва рушди лаёқати зеҳнӣ дар наврасон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ алоқаманд буда, мубрам маҳсуб меёбад.

Муҳиммияти таҳқиқотро дар самти мазкур шароитҳои зерин муайян месозанд: аз ҷониби ҷомеаи муосир дарк гаштани он ки «захираи инсонӣ» замина ва зарфиёти муҳимтарини рушди он аст; босуръат гардидани ҷараёни ҳаёт, зиёд гаштани сарбории ахборотӣ ва эмотсионалӣ ба инсон; муаммоҳои зиёде, ки ҳалли онҳо кӯшиши зиёди зеҳнию эҷодиро талаб мекунад; талаботи ҷомеа ба фаъолияти касбӣ ва шахсияти инсон, ки бояд эҷодкор, фаъол,

масъулиятшинос, дорои зеҳни инкишофёфта ва маълумоти баланд дошта бошад.

Аз таҳлилу омӯзиши автореферати диссертатсияи Фаризаи Файзизода бар меояд, ки дар натиҷаи анҷоми ҳар боб натиҷаҳои озмоишу пажуҳиши амалӣ ҷамъбаст гардидааст. Дар хулосаи диссертатсия фишурдаи тамоми масъалаҳои дар бобҳо ва зербобҳо таҳқиқшуда ба таври мухтасар инъикос гардида, натиҷаҳо нишон дода шудааст, ки зоҳиршавии лаёқатҳои зеҳнӣ дар духтарон ва писарон хусусиятҳои хоси ҷинсӣ доранд, ки бояд дар ҳама зинаҳои таълим, тарбия ва ташхис ба ҳисоб гирифта шаванд. Истифодаи мақсаднок ва илмии ин натиҷаҳо метавонад ба баланд бардоштани сифати рушди когнитивии наврасон ва таъмини инфиродиии таҳсилот мусоидат намояд.

Қайд намудан бомаврид аст, ки сохтори автореферат ва рисолаи он, интихоби зербобҳо, махсусан, қисмати амалии он бар талабот мувофиқ буда, тамоми ҷанбаҳои кори илмиро фаро мегиранд.

Муаллиф барои амиқтар ворид гаштан ба таҳқиқоти психологӣ адабиёти навини ватанию хориҷиро фаровон истифода намудааст.

Ҳаминро низ бояд хотирнишон сохт, ки дар кори мазкур дар баробари афзалиятҳо ба баъзе хатоҳои имлоиву техникӣ роҳ дода шудааст ва бартараф кардани онҳоро аз тарафи муаллиф ҳатмӣ меҳисобем.

Дар умум, рисолаи илмие, ки аз ҷониби Фариза Файзизода дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050307 – психологияи омузгорӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст) мувофиқ мебошад.

Ҳамин тариқ, автореферат бо усули илмӣ таҳия гардида, пайдарпайи қисматҳои он риоя гардидаанд. Автореферат ба мақолае, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта кори анҷомёфтаи диссертатсионӣ ба

ҳисоб меравад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае метавон омад, ки таҳқиқоти анҷомёфтаи Фаризаи Файзизода дар мавзуи "Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон" кори анҷомёфта буда, ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф диссератсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 Психологияи педагогӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дитсент, директори
Муассисаи давлатии таълимии
«Литсейи касбии техникии
сохтмони шаҳри Душанбе» Саидзода А.Р.

Маълумот барои тамос734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 42
Тел.: +992 911250203, E-mail: ahmadsho0203@gmail.com

Имзои Саидзода А.Р. тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳо ва бойгонии
МДТ «Литсейи касбии техникии
сохтмони шаҳри Душанбе» Ф.Назруллоева

Маълумот барои тамос 734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 42, Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии сохтмони шаҳри Душанбе» Тел.: (+992 37) 2390309, Эл. почта: sokhtmoni-dushanbe@mail.ru, Сайт: https://lkts.tj/
«10» ноябри соли 2025